### ХАБАРНОМА

# АСПЕКТҲОИ ГЕНДЕРИИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА МУТОБИҚШАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Шумораи № 4

Феврали 2025


АКС: https://www.instagram.com/undp_tajikistan/p/C8tyaGiM5q0/?img_index=7

## ДАР ИН ШУМОРА:

**ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ, ЧОРАҲОИ МУТОБИҚШАВӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

*Вазъият, мушкилот ва тавсияҳо*


АКС:https://www.adb.org/


АКС:worldbank.org

**МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТОҶИКИСТОН:**

- КИШОВАРЗӢ
- ЗАХИРАҲОИ ОБ
- ЭНЕРГЕТИКА
- НАҚЛИЁТ

*Аҳамият ва дурнамо*


АКС:(OSCE/Rahim Samadov


АКС:Asia-Plus


АКС:Нозим Қаландаровв

# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ВАЗЪИЯТ, МУШКИЛОТ ВА ТАВСИЯҲО

Вазъияти ҳозираи масъалаи гендер дар раванди тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ мушкилоту чолишҳои худро дорад, ки инҳо мебошанд:

***- Ҳузури маҳдуд.*** Таърихан занҳо, шахсони имконияташон маҳдуд ва гурӯҳҳои маргиналӣ (ҳошиявӣ) дар вазоратҳои калидӣ ва тасмимгиранда: Вазорати маориф ва илм, Вазорати нақлиёт, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳузури маҳдуд доранд.

Ин ҳузури маҳдуд боис мешавад, ки занҳо таъсири камтаре дар тасмимгириҳо, дар сиёсатҳое, ки таъсири мустақим ба зиндагии онҳо дошта, самаранокии талошҳои мутобиқшавиро коҳиш медиҳанд, дошта бошанд.

- ***Дастрасӣ ба сарчашмаҳо.*** Монеаҳо барои дастрасӣ ба сарчашмаҳо шомили маблағгузорӣ, маълумот ва барномаҳои зарфиятсозӣ мебошанд, ки ин гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро аз иштироки пурра ва баҳрагирӣ аз талошҳои мутобиқшавӣ боз медорад. Барои мисол занҳои деҳотӣ дастрасӣ ба хидматрасониҳои молиявӣ барои кишоварзии тобовар ба тағйирёбии иқлимро надоранд.

- ***Норасоии маълумот ва эҳтиёҷ ба омӯзишҳо.*** Норасоии маълумот дар байни Ҷонибҳои манфиатдор оид ба аҳамият ва татбиқии амалии равишҳои ҷавобгӯ ба гендер ба мушоҳида мерасад. Ҷонибҳои манфиатдор ниёз ба омӯзиш ба хотири беҳтар кардани фаҳмиши осебпазирии гендерӣ дар масъалаи тағйирёбии иқлим доранд. Алалхусус ниёз ба омӯзиш ва огоҳӣ дар асоси гендер дар секторҳо зиёд аст. Бе доштани огоҳӣ ва омӯзиш нақшаҳои мутобиқшавӣ холӣ аз дидгоҳҳои интиқодӣ буда, самаранокии камтар дар ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ доранд.







### ТАВСИЯҲО

#### *ҶИҲАТИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ГЕНДЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА МУТОБИҚШАВӢ*

**1. Ҷалб намудани занон, маъюбон ва гурӯҳҳои маргиналӣ ба вазорату идораҳои соҳавӣ ва афзалиятнок ҷиҳати таъсиррасонӣ дар сиёсатҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ.**

**2. Таъмини дастрасӣ ба сарчашмаҳо. Фароҳам овардани дастарсии гурӯҳҳои мазкур ба маблағгузорӣ, маълумот ва барномаҳои зарфиятсозӣ таъмин шавад.**

**3. Пешниҳод намудани маълумоти кофӣ ҷиҳати бартараф намудани ниёзҳои маълумотӣ аз тариқи роҳандозии омӯзишҳо. Ҷонибҳои манфиатдор барои баланд бардоштани фаҳмиши осебпазирии гендерӣ ва мутобиқшавӣ ниёз ба омӯзиш доранд.**





# МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕРӢ ВА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР БАХШИ КИШОВАРЗӢ

## АҲАМИЯТ ВА ДУРНАМО

- ***Тағйирёбии иқлим ба соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муҳити зисти Тоҷикистон таъсир мерасонад. Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисод ва сарчашмаи шуғл барои деҳотиён буда, иштироки занон дар он аҳамияти зиёд дорад. Фарқиятҳои ҷинсиятӣ дар дастрасӣ ба сарчашмаҳо, иштирок дар тасмимгириҳо ва тақсимоти даромад метавонад дар коҳиши таъсири тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ саҳм гузорад.***

Занҳо дар Тоҷикистон қувваи асосии корӣ дар соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳанд. Онҳо дар фаолиятҳои кишоварзӣ аз қабили киштукор, нигоҳубини кишт, ҳосилғундорӣ, нигоҳубини чорво саҳми асосӣ доранд. Инчунин занҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ алалхусус дар хонаводаҳое, ки муҳоҷири корӣ доранд нақши асосиро ифо мекунанд.

Чолишҳо ва мушкилот дар деҳот, ки занҳо бо он рӯбарӯ мешаванд: ***маҳдудият дар дастрасӣ ба замин, сарчашмаҳои обӣ, қарз, ва технологияи кишоварзӣ*** мебошанд.

Ин мушкилот ба сабаби анъана ва расму одатҳои меросӣ монеи тавонмандии зан барои моликият ва истифода аз сарчашмаҳои истеҳсолӣ мешаванд.

Занҳо фурсати камтар барои омӯзиш ва семинарҳои касбомӯзӣ дар соҳаи кишоварзӣ доранд. Ин боиси маҳдудият дар огоҳӣ ва дастарсӣ ба технологияҳои наву замонавии кишоварзӣ мешавад.

## ИШТИРОК ДАР ТАСМИМГИРӢ

Дар сатҳи ҷамоатҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, занҳо асосан иштироки маҳдуд дар раванди тасмимгирӣ доранд. Фикру ақида ва ниёзҳои онҳо ба таври нокофӣ дар банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои кишоварзӣ мадди назар гирифта мешаванд. Тағйирёбии иқлим ба амнияти ғизоӣ ва маҳсулнокии кишоварзӣ дар Тоҷикистон таҳдид мекунад. Бо зиёдшавии хушксолӣ, селу обхезӣ нақши зан дар истеҳсолот ва соҳаи иҷтимоӣ зиёдтар мешавад.

### СТРАТЕГИЯИ МУТОБИҚШАВӢ ВА ҲАМГИРОИИ ГЕНДЕРӢ

Мадди назар гирифтани аспекти гендерӣ дар стратегияҳои мутобиқшавӣ хеле муҳим аст.

### ТАЪМИНИ ДАСТРАСӢ БА САРЧАШМАҲО

Таъмини баробари дастрасӣ ба замин, об ва технология барои зану мард. Реформаи замин ва қонунгузорӣ ва содагардонии раванди қарзгирӣ барои занон метавонад таъсири мусбат ба ин раванд дошта бошад.



# ОМӮЗИШ ВА СЕМИНАРҲОИ КАСБОМӮЗӢ ҶИҲАТИ ТАВОНМАНДСОЗИИ ЗАНОН ДАР БАХШИ КИШОВАРЗӢ

Ниёз ба баргузор намудани омӯзиш ва тренингҳои касбомӯзии махсус барои занон вуҷуд дорад, ки донишу малакаҳои занон дар масъалаҳои кишоварзӣ ва тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавиро боло барад.

Инчунин шарик сохтани занон ва бонувон дар раванди тасмимгирӣ дар ассосиатсияҳои деҳқонӣ, шӯроҳои маҳаллӣ, ва дигар сохторҳое, ки дар тасмимгирӣ дар масъалаҳои кишоварзӣ ва идораи сарчашмаҳои табиӣ нақш дорад, зарур аст.

Дар баробари ин, таҳкими дастгирии институтсионалӣ ҳам хеле муҳим аст. Таҳия ва татбиқи барномаҳое, ки ба дастгирии занон дар кишоварзӣ ба шумули муассиссаҳои давлатӣ ва инчунин шарикони байналмилалӣ равона шудааст зарур аст. Бар илова, эҳтиёҷ ба барномаҳои суғуртавӣ ва дастгирии молиявӣ низ мушоҳида мешавад. Бояд схемаҳои суғуртаи кишоварзӣ ва барномаҳои қарзҳои хурди махсус, ки ба дастгирии занон равона шудаанд, муаррифӣ шаванд то занонро дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба хатарҳои иқлимӣ ва истиқрори молиявӣ кӯмак намоянд.



АКС: IFPRI /CC BY 2.0

## ХУЛОСА

Аспекти гендерӣ дар масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда дорад. Мустаҳкам намудани ҷойгоҳи зан, беҳтар сохтани дастрасии онҳо ба сарчашмаҳо, шомил намудани онҳо дар раванди тасмимгирӣ, фаро гирифтани онҳо бо омӯзиш, зинаҳои калидӣ ҷиҳати сохани системаи устувор ва мутобиқшавандаи кишоварзӣ мебошад. Бо дарназардошти нақши муҳими занон дар кишоварзӣ, шомил намудани онҳо дар таҳияи стратегияҳои мутобиқшавӣ на танҳо раванди мутобиқшавӣ бо тағйирёбии иқлим дар соҳаи кишоварзӣ, балки вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва некӯаҳволии оила дар деҳотро беҳтар мекунад.

**_ШОМИЛ НАМУДАНИ ЗАНОН ДАР РАВАНДИ ТАСМИМГИРӢ ВА ФАРО ГИРИФТАНИ ОНҲО БО ОМӮЗИШ ЗИНАИ МУҲИМ ҶИҲАТИ СОХТАНИ СИСТЕМАИ УСТУВОР ВА МУТОБИҚШАВАНДАИ КИШОВАРЗӢ МЕБОШАД_**




Маҷмӯъи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон аз кишоварзӣ

# МАСЪАЛАИ ОБ ВА ЧОЛИШУ МУШКИЛИҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



## АҲАМИЯТ ВА ДУРНАМО

- ***Аспектҳои гендерӣ дар соҳаи захираҳои оби Тоҷикистон ҳалкунанда ба ҳисоб меравáнд, зеро аҳамияти дастраcии баробари захираҳои обӣ барои зану мардро бармало месозад. Таъсири фарқкунандаи тағйирёбии иқлим бар нақши гендер зарурати пардохтан ба ин масъаларо бештар мекунад. Бо истифода аз равиши ҳассос ба гендер, соҳаи захираҳои об метавонад беҳтар зарурияти ягона, масъулиятҳо, ва нақши ҳам зану ҳам мардро дар идораи дастрасӣ ба захираҳои об беҳтар кунад.***

***Ҳар қадар сифати об коҳиш ёбаду дастрасӣ ба об камтар шавад, занон бештар осебпазир мешаванд.***


ФКС::https://tj.usembassy.gov/usaid

- **Дастрасии маҳдуд ба сарчашмаҳо ва имкониятҳо**

Занҳо бо монеаҳои гуногун дар таҳсилот, омӯзиш ва дастрасӣ ба сарчашмаҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз сӯйи дигар занҳо иштироки кам дар тасмимгирӣ доранд.

Меъёрҳои патриархалӣ бисёр вақт занонро аз равандҳои муҳимми тасмимгирӣ дар оилаҳо, ҷомеа ва дар сатҳи миллӣ маҳрум мекунанд. Ин маҳрумият имконияти нуфуз кардан дар тасмимгириҳоро, ки метавонад ҳаёти онҳоро таъсир расонад ва имконияти дастрасӣ ба об, замин, хизматрасонии тиббӣ ва дигар сарчашмаҳоро таъмин кунад, маҳдуд мекунад.

- Н**обаробарии гендерӣ ва ҳуқуқҳои обӣ**

Сохтори иҷтимоии патриархалии Тоҷикистон таъсири назаррас бар масъалаи дастрасии занон ба захираҳои об дорад. Занҳо одатан вазифадоранд, ки обро барои хона таъмин намоянд ва растаниҳои кишоварзиро нигоҳубин намоянд ва ҳамзамон шомил намудани онҳо дар равандҳои тасимигирӣ дар ҳама сатҳҳо дар соҳаи об маҳдуд боқӣ мемонад. Камбудии иштирок дар раванди тасмимгирӣ на танҳо нобаробарии гендериро бештар мекунад, балки ба нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва сарчашмаҳои муҳим оварда мерасонад.


АКС:https://zenvoyageur.wordpress.com/iskanderkul-lake-2/

- **Таъсири тағйирёбии иқлим ба занон:**

Соатҳои кории зиёд барои занон таъсири манфӣ ба саломатяшон дорад. Аз сӯйи дигар, тағйирёбии иқлим метавонад ба камбудии об оварда расонад, ки дар натиҷаи он занон вақти бисёрро барои обҷӯӣ сарф намуда, бисёр вақт масофаҳои тӯлониро тай мекунанд. Ин вазнини физикиро ба бор оварда, саломатияшонро таъсири манфӣ мерасонад ва вазнинии дигар бар зиндагияшон зам мекунад.

Таъсири иқтисодӣ - Заноне, ки дар деҳот зиндагияшон аз ҳисоби хоҷагии қишлоқ аст, аз камбуди ҳосил ба сабаби тағйирёбии иқлим ва норасоии об ранҷ мебаранд. Ин метавонад вазъиятии иқтисодии онҳоро бадтар кунад ва пешбурди зиндагӣ барои худу оилаҳояшонро ба мушкил рӯ ба рӯ кунад.

Оқибатҳои тағйирёби иқлим аз зан то мард гуногун эҳсос мешаванд. Ҳар қадар сифати об коҳиш ёбад ва дастрасияш камтар шавад, занон бештар осебпазир мешаванд. Онҳо вақти зиёдеро дар обкашӣ масраф мекунанд, ки боиси қафо мондан аз таҳсил, рушди шахсиятӣ ва фаолиятҳои молиявии онҳо мегардад.

- **Стратегияҳо ва тшаббусҳои гендерӣ:**

-Ҷиҳати ҳалли масъалаи нобаробарии гендерӣ дар соҳаи захираҳои об, якчанд стратегия ва ташаббусҳоро мешавад амалӣ кард:

- **Беҳтар намудани иштироки занон дар татбиқ ва рушди сиёсатҳо:**

-Занон бояд дар ҳамаи сатҳҳои тасмимгирӣ дар бахши об, ба шумули мақомоти маҳаллӣ ва минтақаӣ ҳузур дошта бошанд.

- Дохил намудани дурнамои гендерӣ дар стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои вобаста ба таъмини об ва тағйирёбии иқлим.

-Таъсиси гурӯҳҳои кории гендерӣ дар вазоратҳо ва агентиҳои масъули идораи сарчашмаҳои обӣ.

- **Баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳӣ:**

- Таҳияи барномаҳо барои занон ба мақсади боло бардоштани огоҳии онҳо.

- Роҳандозии маъракаҳои огоҳидиҳӣ ҷиҳати барҷаста кардани баробарии гендерӣ дар идоракунии захираҳои об.

-Беҳтар намудани дастрасии занон ба об тавассути сармоягузориҳо дар зерсохтори об мутобиқи ниёзҳои онҳо, мисли таъсис ва тармими низоми таҳияи манбаъҳои об ба наздики хонаҳои онҳо, то вақти занҳо барои обкашӣ сарфа шавад.

- **Дастгирии молиявӣ ва кӯмаки техникӣ:**

-Таҳияи барномаҳои микро-иқтисодӣ бо ҳадафи дастгирии заноне, ки дар соҳаи кишоварзӣ ва об фаолият доранд.

-Таъмини дастрасии занон ба технологияи муосири сарфаи об тавассути грантҳо ва ташаббусҳои ташкилотҳои байналмилалӣ.

- **Таҳкими институтсионалӣ:**

-Таъсиси платформаҳо барои истифодабарандагони об аз ҷинси зан ҷиҳати табодули дониш ва таҷриба.

-Тамаркуз бар таҳкими зарфияти роҳбарзанон дар идоракунии захираҳои об бо мақсади фурсатҳои таълимӣ ва омӯзишӣ.



# ХУЛОСА



***Бо ҳалли масъалаи нобаробариҳои гендерӣ дар соҳаи об, Тоҷикистон метавонад зинаҳои асосӣ ба сӯи беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва шаҳрвандон ва парвариш додани як ҷомеаи баробарро тай кунад.***

Аҳамияти аспектҳои гендерӣ дар идоракунии захираҳои обии Тоҷикистонро намешавад муболиға кард. Якҷоя кардани ин аспектҳо на танҳо дар ҳамаи сатҳҳо, балки дохил намудани онҳо дар стратегияҳои милли об низ масъалаи асосӣ мебошад.

Барои ба даст овардани ин ҳадаф талошҳои якҷояи ҳукумат, ташкилотҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ, ва худӣ зарурат дорад.

Бо ҳалли масъалаҳои нобаробариҳои гендерӣ дар соҳаи об, Тоҷикистон метавонад зинаҳои асосӣ ба сӯи беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва шаҳрвандон ва парвариш додани як ҷомеаи баробар ҳаракат кунад.

- # МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР БАХШИ ЭНЕРГЕТИКА

- ***Аспектҳои гендерӣ нақши асосӣ дар арзёбии осебпазирии соҳаи энергетика, махсусан дар контексти тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ иҷро мекунанд. Дар ҳоле, ки соҳаи энергетика асосан бо параметрҳои техникӣ ва иқтисодӣ дида мешавад, дар назар гирифтани масъалаи гендерӣ метавонад дар татбиқи самаранокии стратегияи мутобиқшавӣ ва барномаҳои ин соҳа таъсири мусбат расонад.***

**Таъсири тағйирёбии иқлим ба мардҳо ва занҳо**

Тағйирёбии иқлим ба зану мард бо дарназардошти нақшҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ, масъулиятҳо ва имкониятҳо таъсири ҷудогона дорад. Барои мисол дар деҳоти Тоҷикистон, занҳо бештар обу сӯзишворӣ ҷамъоварӣ мекунанд, аз ин сабаб бештар аз тағйирёбии иқлим осебпазиранд. Дар ҳолати пеш омадани камбудии обу сӯзишворӣ ба сабаби таъсири тағйирёбии иқлим, мушкилоти занон бештар мешавад. Ин ҳолат ба саломатии занон таъсир расонида, сабаб ақиб мондани онҳо аз дигар фаолиятҳо мисли таҳсил ва дарсхонӣ мешавад.

**Аспекти гендерӣ дар идоракунии сарчашмаҳои обӣ**

-Истифода аз зерсохторҳои мувофиқ бо занон
-қарзҳои хурд ва дастгирии соҳибкории занон дар бахши энергетика
- Таъсиси ҷойҳои кор барои занон дар бахши энергетика.
Барқи обӣ, ки нақши калидӣ дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон бозӣ мекунад, ба идоракунии сарчашмаҳои обӣ пайванди мустақим дорад. Занҳо нақши муҳим дар идораи сарчашмаҳои обӣ дар хонаву ҳавлӣ ва ҷамоатҳо алалхусус дар деҳот иҷро мекунанд. Бинобар сабаб ин масъала дар шомил намудани занон дар раванди масъалаи банақшагирӣ ва идоракунии сарчашмаҳои обӣ ва энергетикӣ муҳим аст. Иштироки онҳо метавонад дар самаранокӣ ва устувории бештар ва дастрасии баробар ба ин сарчашмаҳо саҳм гузорад.



АКС:https://www.peek.com/




## Баробарии гендерӣ дар ташаббусҳои энергетикӣ

Дохил намудани аспектҳои гендерӣ дар ташаббусҳои энергетикӣ метавонад самаранокии ташаббусҳоро беҳтар кунад. Барои мисол, барномаҳои энергияи таҷдидшаванда метавонанд бештар муваффақ бошанд агар онҳо ниёзҳо ва тавонмандиҳои ҳам занон ва ҳам мардонро мадди назар гиранд. Омӯзиш додан ва шомил намудани занон дар насб ва нигоҳдории панелҳои офтобӣ ва дигар сарчашмаҳои энергияи таҷдидшаванда на танҳо вазъият ва истиқлоли иқтисодии онҳоро беҳтар мекунад, балки тобоварии ҷомеаро ба тағйирёбии иқлим бештар мекунад.

***Омӯзиш додан ва шомил намудани занон дар насб ва нигоҳдории панелҳои офтобӣ ва дигар сарчашмаҳои энергияи таҷдидшаванда на танҳо вазъият ва истиқлоли иқтисодии онҳоро беҳтар мекунад, балки тобоварии ҷамоаро ба тағйирёбии иқлим бештар мекунад.***

## Саҳми занон дар сектори энергетикӣ

Дар сатҳи миллӣ, саҳмгузории занон - дар раванди тасмимгирӣ ё профессияҳои техникӣ- метавонад ба рушди ҳаматарафа ва устувори соҳа оварда расонад. Талошҳо барои аз байн бурдани монеаҳои иштироки занон мисли дастрасии маҳдуд ба таълим ва омӯзиши касбӣ дар соҳаи энергетика ва илмҳои техникӣ заруранд ва инчунин чораҳо ба мақсади фароҳамсозии имкониятҳо ва шароити кории баробар.

## Сиёсатҳо ва барномаҳо

Ҷиҳати дохил намудани самараноки астпектҳои гендерӣ дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон, барномаҳо ва сиёсатҳои мувофиқ зарур аст. Ин метавонад сабаби дохил намудани масъалаҳои гендерӣ ба стратегияҳои миллӣ ва нақшаҳои корӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва энергетика бошад. Инчунин механизмҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ ҷиҳати пайгирӣ намудани пешравӣ ва таъсири ташаббусҳои гендерӣ зарур аст.

## ХУЛОСА

Ҳалли масъалаи гендерӣ ва осебпазирии соҳаи энергетикӣ на танҳо ба тақсимоти баробари сарчашмаҳо ва имкониятҳо оварда мерасонад, балки тобоварии умумӣ дар сектори энергетиктаро беҳтар мекунад.



# АҲАМИЯТИ МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ ВА ЗАРУРИЯТИ ТАВАҶҶӮҲ БА ОН



- *Дар шароити зиёдшавии тағйирёбии иқлим, аспекти гендерӣ дар соҳаи нақлиёт масъалаи муҳим шудааст. Ҳассосиятҳои гендерӣ дар системаи нақлиёт масъалаи муҳим дар ростои таъмини дастрасии баробар ба хизматрасонии нақлиётӣ барои ҳама қишрҳои ҷомеа, бахусус занон, мардон, кӯдакон, ва шахсони дорои маъюбият мебошад. Бо дарназардошти масъалаи гендерӣ дар арзёбии осебпазирии гурӯҳҳои алоҳида, бахусус дар ҷараёни ҳолатҳои тағйирёбии иқлим вазъияти умумии соҳаи нақлиёт беҳтар хоҳад шуд.*

**Дарки фарқиятҳои гендерӣ дар истифодаи нақлиёт**

Дарки роҳҳои гуногуни истифода аз нақлиёт тавассути мардон ва занон барои банақшагирӣ муҳим аст. Занҳо одатан барои пеш бурдани хоҷагӣ такя ба нақлиёт мекунанд, алалхусус дар масъалаи харидҳои рӯзмарра, бурдану овардани кӯдакон ба мактаб ва хизматрасонии тиббӣ. Мардон бошанд бисёртар ба мақсадҳои кору тиҷорат нақлиётро истифода мебаранд. Ин фарқият дар истифодабарии нақлиёт баназаргирии ҳассосияти гендерӣ дар нақшагирӣ дар зерсохтори нақлиётӣ ва хизматрасониро баён мекунад. Гурӯҳҳои алоҳидаи демографӣ, бахусус занон дар деҳот бо мушкилоти зиёдтари нақлиёт рӯ ба рӯ мешаванд. Меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ якҷо бо камбуди нақлиёти амну дастрас, метавонанд ҳаракати занонро маҳдуд кунанд. Ин чолишҳо дар тағйирёбии иқлим зиёдтар шуда, нақлиёти боэътимод камёб мешавад.

**Таъисри тағйирёбии иқлим бар динамикаи гендерӣ:**

- **Зиёдшавии ҳарорат.** Занҳо, алалхусус занони ҳомила ва синну солрафта аз гармӣ осебпазиранд ва гармӣ хатарҳои саломатии онҳоро зиёдтар мекунад. Илова бар ин шароити нофорам дар нақлиёти ҷамъиятӣ- мисли набудани кондитсионер-вазъияти сафар барои занону кӯдаконро бадтар мекунад.
- **Боронгарии бошиддат ва обхезӣ**
  Занҳо одатан масъулияти асосии таъмини обу хӯрокро ба ӯҳда доранд. Вайроншавии зерсохтори нақлиёт ба сабаби ҳавои номусоид метавонад дастрасии занон ба хизматрасониҳои асосӣ ва сарчашмаҳоро маҳдуд кунад, бинобар ин сабаб осудагии хонаводагиро бо мушкил рӯ ба рӯ мекунад.

***Вайроншавии зерсохтори нақлиёт ба сабаби ҳавои номусоид метавонад дастрасии занон ба хизматрасониҳои асосиро маҳдуд кунад***

**Татбиқи равишҳои гендерӣ дар мутобиқшавӣ дар соҳаи нақлиёт:**
Интиқол ба нақлиёти экологӣ таъсири мусбат ба саломатӣ ва амнияти занон дорад.
Иштироки занон дар лоиҳаҳои тасмимгирӣ ва рушд ва фароҳам кардани имкониятҳо барои занон дар саноати мошин.
Дастгирӣ ва рушди роҳҳои ҳалли нақлиёти устувор дар деҳот
Ҷиҳати ҳалли масъалаи фарқиятҳои гендерӣ ва тақвияти тобоварӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим дар сектори нақлиёт метавонад стратегияҳои зеринро татбиқ кард:
**Арзёбии эҳтиёҷот:** Ба роҳ мондани арзёбии ҳассос ба гендер, ки дар муайян кардани чолишҳо дар соҳаи нақлиёт кӯмак мекунанд. Илова бар ин муҷаҳҳаз намудани нақлиёти ҷамъиятӣ бо кондитсионер ва нуқтаҳои обнӯшӣ.

**Омӯзиш ва огоҳӣ:** Роҳандозӣ намудани маъракаи омӯзиш ва огоҳӣ оид ба ҳуқуқи зан ва имкониятҳо дар соҳаи нақлиёт. Илова бар ин, омӯзиш додан дар сектори нақлиёт ба табақаҳои гуногуни ҷомеа ва таҳкими ҳассосияти гендерӣ ҷиҳати ташкил додани муҳити фарогир.

**Нақшаҳои ҳамгироишудаи гендерӣ ва сиёсатҳо:** дохил намудани нишондиҳандаҳои махсуси гендерӣ ва ҳадафҳо дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои рушд барои соҳаи нақлиёт метавонад пешравӣ дар баробарии гендериро таъмин кунад.

Таъсис додани механизмҳои баҳодиҳӣ ва мониторинг метавонад дар татбиқи самараноки ташаббусҳои гендерӣ кӯмак кунанд.




## ХУЛОСА

Дохил намудани аспектҳои гендерӣ ба арзёбии осебпазирӣ ва стратегияҳои мутобиқшавӣ барои соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами муҳим ба сӯйи рушди баробар ва устувор мебошад. Бо ҳалли масъалаи фарқиятҳои гендерӣ ва ниёзҳо, кишвар метавонад системаи тобовар, амн ва самараноки нақлиётӣ дошта бошад, ки ба ҳама қишрҳои ҷомеа хизмат кунад, алалхусус дар шароити тағйирёбии иқлим. Таъкид намудани масъалаи ҳассосияти гендерӣ дар банақшагириҳои соҳаи нақлиёт ба рушди васеътари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оварда мерасонад.